# Хулосаи

комиссияи ташхисӣ аз ҳайати аъзоёни шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-014 дар назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур (734003, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, www.tajagroun.tj) доир ба кори диссертатсионии Аминзода Зебо Маҳмадризо дар мавзӯи «Роҳҳои асосии баланд бардоштани самаранокии истеҳсоли ғалладонагиҳо дар минтақаи Ҳисори Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05- Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии корхонаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (комплекси агросаноатӣ ва кишоварзӣ)

Гузариши иқтисодиётии ватанӣ ба шакли кишоварзии мунтазам тараққикунанда тағйироти куллии сифатиро дар истеҳсолот ва фаъолияти иқтисодӣ дар тамоми соҳаҳо ва зерсоҳаҳои ибтидоии он ба амал баровард. Аз ин рӯ, омӯзиши равандҳои иқтисодии дар соҳаи кишоварзӣ ба миёномада, ошкор кардани имкониятҳои таъсиррасонӣ ба ин равандҳо дар шароити имрӯза бо мақсади зиёд кардани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ бо хароҷоти камтарин ва сифати баланд аҳамияти ниҳоят муҳим пайдо мекунад. Самти муҳим дар ин ҳолат ҷустуҷӯи роҳҳо ва воситаҳои баланд бардоштани самаранокии иқтисодӣ дар соҳаҳои гуногуни кишоварзӣ мебошад.

Ин мушкилот махсусан барои зерсоҳаи ғаллапарварӣ, ки манбаи асосии таъмини аҳолӣ бо озуқаворӣ мебошад ва дар бахши кишоварзии иқтисоди ватанӣ ҷойгоҳи намоёнро ишғол мекунад, шадид аст. Барои зермаҷмааи ғалладонагӣ, ки соҳаи асосӣ барои таъмин намудани яке аз ҳадафҳои асосии кишвар-ҳифзи амонияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба ғизои хушсифат нақши калон дорад, баландшавии арзиши воситаҳои асосӣ, паст гардидани ҳосилнокии ғалладонагиҳо, аз кор рафтани кадрҳои соҳибихтисос ва дар натиҷа - талафот ва зараровар будани баъзе хоҷагиҳои деҳқонӣ хос аст. Мақсади асосии соҳаи ғаллапарварӣ ин таъмини аҳолии ҷумҳурӣ бо ғаллаи худӣ аст, ки танҳо дар натиҷаи муносибати дурусти оқилона, ки элементи муҳими он парвариш намудани навъҳои серҳосили ғалладонагиҳо мебошад, ба даст меояд.

Дар шароити рушди истеҳсолот барои соҳаи ғаллапарварӣ пеш аз ҳама, зарурати такмили таҷҳизоти техникии соҳа ҳамчун заминаи моддии афзоиши ҳосилнокии меҳнат, истифодаи технологияҳои интенсивӣ, истифодаи самараноки захираҳои меҳнатӣ ва баланд бардоштани маҳсулнокии меҳнат ба миён меояд.

То ҳол аз тарафи олимони ватанӣ таҳқиқотҳо оид ба истеҳсоли навъҳои серҳосили ғалладонагӣ, истифодаи технологияи инноватсионӣ дар соҳа, муайянкунии андозаи хоҷагиҳои ғаллакор, ҷустуҷӯи роҳҳои самаранокии истеҳсоли ғалладонагӣ дар минтақа ва дигар муаммоҳо роҳи ҳалли худро наёфтаанд.

Гуфтаҳои дар боло қайдшуда муҳимият ва зарурияти мавзӯи диссертатсияро асоснок намуда, арзиши илмӣ ва аҳамияти амалии таҳқиқотро муайян менамоянд.

Хулоса ва пешниҳодҳои дар кори диссертатсионӣ дарҷёфта илман асоснок буда, бо далелҳо тасдиқ карда шудаанд.

1. Дисертатсия мувофиқи талаботҳои банди 53-и «Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон № 505 аз 26.11.2016) таҳия карда шудааст. Ташхиси муқаддимавии диссертатсия дар Донишгоҳи агарарии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур гузаронида шуда, натиҷаи он дар ҷаласаи байникафедравии факултетҳои иқтисодӣ ва баҳисобгирӣ ва молия муҳокима гаштааст. Хулоса мусбат буда, ба кори илмӣ баҳои объективӣ дода шудааст.

2. Кори диссертатсионӣ ба талаботҳои банди 10-и «Тартиби додани дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон № 505 аз 26.11.2016) ҷавобгӯ мебошад. Он кори илман асосноки баитмомрасида ҳисобида шуда, дорои ҳалли масъалаи аҳмияти соҳавидошта ба шумор меравад.

Эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсионӣ бо гузаронидани таҷрибаҳо дақиқии маълумотҳо, кифоягии ҳаҷми маводҳои таҳқиқотӣ, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва интишорот тасдиқ мегардад.

Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқотҳои назариявӣ ва таҷрибавӣ карда шудааст.

Аҳамияти назариявии таҳқиқот дар он аст, ки натиҷаҳои он ба амиқтар гардидани асосҳои назариявӣ ва методологии самаранокии истеҳсоли ғалладонагиҳо имконият медиҳанд ва самтҳои асосии баланд бардоштани самранокии истеҳсолот ошкор карда мешаванд.

Аҳамияти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ - ин ҷамъбасти илмию амалии таҳқиқоти муаллиф оид ба баланд бардоштани самаранокии истеҳсоли ғалладонагиҳо дар шароити иқтисоди бозорӣ мебошад. Натиҷаҳои таҳқиқотро ҳангоми тавсияи пешниҳодҳо оид ба баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот дар сатҳҳои гуногуни КАС истифода намудан мумкин аст. Баъзе аз тавсияҳоро оид ба такмили сармягузории соҳаи кишоварзӣ, истифодаи технологияҳои инноватсионӣ метавон дар амалия тадбиқ кард.

3. Мавзӯъ ва мазмуни кори диссертатсионии Аминзода Зебо Маҳмадризо дар мавзӯи «Роҳҳои асосии баланд бардоштани самаранокии истеҳсоли ғалладонагиҳо дар минтақаи Ҳисори Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз рӯйи шаҳодатнома ба ихтисоси 08.00.05- Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии корхонаҳо, соҳаҳо комплексҳо (комплекси агросаноатӣ ва хоҷагии қишлок), инчунин ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷаи илмӣ дода мешавад ва бо Қарори раёсати Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (№1/3,аз 27.04.с.2017) тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

4. Натиҷаҳои илмии бадастомада, хулоса ва пешноҳодҳои корӣ диссертатсионӣ дар 8 мақолаҳои илмии муаллиф, аз ҷумла 4 мақола дар маҷалаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ гаштаанд. Шумораи маводҳои чопӣ дар маҷалаҳои тақризшаванда ба банди 14-и «Тартиби додани дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон № 505 аз 26.11.2016) мувофиқат мекунад.

5. Ҳангоми таҳияи кори дисертатсионӣ талаботи банди 16-и «Тартиби додани дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон № 505 аз 26.11.2016) оид ба истифодаи адабиётҳо ва дигар маводҳо бо нишондодани манбаи бадастомада риоя карда шудааст.

6. Кори диссертатсионӣ ба талаботи бандӣ 11-и «Тартиби додани дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон № 505 аз 26.11.2016) ҷавобгӯ мебошад. Он аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои пайдарҳамӣ ва натиҷаҳои нави илмии ба талаботи ҳимоя ҷавобгуй мебошад, ки аз саҳми муаллифи кори диссертатсионӣ дар илм шаҳодат медиҳад.

7. Талаботи банди 55-и «Низомномаи намунавӣ оид ба шӯрои диссертатсионӣ» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №505 аз 26.11.2016) ба инобат гирифта, комиссияи экспертӣ ба кори дииссертатсионии Аминзода Зебо Маҳмадризо дар мавзӯи «Роҳҳои асосии баланд бардоштани самаранокии истеҳсоли ғалладонагиҳо дар минтақаи Ҳисори Ҷумҳурии Тоҷикистон» **пешниҳод менамояд:**

7.1. Кори диссертатсионии Аминзода Зебо Маҳмадризо дар мавзӯи «Роҳҳои асосии баланд бардоштани самаранокии истеҳсоли ғалладона-гиҳо дар минтақаи Ҳисори Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар асоси хулосаи мусбии комиссияи экспертии шӯрои диссертатсионӣ ва тибқи банди 46-и «Низомномаи намунавӣ оид ба шӯрои диссертатсионӣ» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №505 аз 26.11.2016) зери таҳрири «Роҳ-ҳои асосии баланд бардоштани самаранокии истеҳсоли ғалладонагиҳо дар хоҷагиҳои кишоварзии ноҳияҳои водии Ҳисор» тасдиқ карда шавад.

7.2. Кори диссертатсионии Аминзода Зебо Маҳмадризо дар мавзӯи «Роҳҳои асосии баланд бардоштани самаранокии истеҳсоли ғалладонагиҳо дар хоҷагиҳои кишоварзии ноҳияҳои водии Ҳисор» ба ҳимояи расмӣ иҷозат дода шавад:

а) ба сифати муқарризони расмӣ пешниҳод карда шаванд:

- Мирсаидов Аврор Бобоевич – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, ҷонишини директори Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Маҳмадизода Файзалӣ Бачабек - номзади илмҳои иқтисодӣ, Директори Муассисаи давлатии таълимии Коллеҷи информатика ва техникаи компютерии ш.Душанбе.

б) ба сифати муассисаи тақриздиҳанда пешниҳод карда шавад:

- Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

8. Чоп ва ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимоя ва автореферати диссертатсия дар сомонаи интернетии ДАТ ба номи Ш. Шоҳтемур ва КАО назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

Нашриякунонии автореферат иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи экспертӣ:

Доктори илмҳои иқтисодӣ Мадаминов А.А.

Аъзоёни комиссияи экспертӣ:

Доктори илмҳои иқтисодӣ Қудратов Р.Р.

Номзади илмҳои иқтисодӣ Шоазизова М.Д.